Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон
(ш.Душанбе, 134067, кӯчаи Нахимова 64/14)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи ҚУРБОНОВ ВАФО НАМОЗАЛИЕВИЧ дар мавзуи “Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

Дар Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молиявӣ ва яке аз ҳадафҳои стратегии рушди мамлакатро такмил додани низоми “танзими пруденсиалӣ, такмилдиҳии назорати маҷмӯӣ, гузариши ботадриҷ ба низоми ҳадафгирии таваррум, баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои танзими ғайримустақим дар робита бо сиёсати нигоҳ доштани устувории нархҳо ва сиёсати мутавозуни пулию қарзӣ “ ташкил менамояд. Воқеан ҳам, дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ таваррум ва нарх аз зумраи он масъалаҳое мебошанд, ки пайваста дар маркази диққати олимону элитаҳои сиёсӣ ва давлат қарор дорад ва назорати он аҳамияти доимӣ медиҳанд. Воқеан ҳам, дар замони муосир дарки таъсири мутақобилаи афзоиши нарх, беқурбшавии пул ва паст шудани қобилияти харидории мардум танҳо дар шароите имконпазир мегардад, ки дар муомилот пулҳои қоғазӣ ва кредитии иллатнок мавҷуд бошанд. Вайрон кардани мувозинати байни муомилоти пул ва фарогирии мол сабаби аслии таваррум мегардад. Нобаробарӣ дар сатҳи молҳои алоҳида байни маҷмӯи нархҳо ва маблағи арзишҳои молӣ, дар сатҳи бозорӣ байни нарх ва истеҳсол, дар сатҳи макроиқтисодӣ байни талабот ва пешниҳодот ба амал меояд. Инфлятсияро равандҳои ғайрипулӣ низ ба вуҷуд оварда метавонанд, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд. Нобаробарӣ байни талаботи муомилоти мол ва муомилоти пул метавонад дар натиҷаи афзоиши арзиши маҳсулоти истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба амал ояд. Бинобар он, моро дар марҳилаи нави рушди мамлакат таҳқиқи амиқи масъалаҳои илмии таваррум ва асоснок намудани роҳҳои боздоштани он мубрам мебошад.

Вазифае, ки муаллиф “вобаста ба дигар шудани таркиби

иқтисодиёт ва вайрон шудани мувозинатҳои иқтисодӣ, инчунин, таъсири омилҳои дохилию берунӣ ба таваррум, ки коркард ва роҳҳои танзими меъёрии онро тақозо менамояд" гузоштаасту (с.5), роҳҳои ҳалли онро дар марҳилаи муосири рушди мамлакат асоснок намудааст, метавон ба ҳайси навгонии муҳим арзёбӣ намуд.

Муаллиф дуруст таъкид намудааст, ки дар шароити имрӯза ва равандҳои доимотағйирёбандаи иқтисодӣ пешбурди сиёсати дурусти пулӣ яке аз механизмҳои асосии танзими таваррум ба ҳисоб меравад. Вай асоснок намудааст, ки дар айни замон механизмҳои танзими таваррум ва сиёсатҳои зиддитаваррумӣ дар мамлакат бояд тавассути омилҳои зерин ҷорӣ карда шавад: "Васеъ кардани сатҳи содирот ва истеҳсоли молҳои ба воридот нигаронидашуда, ки стандарт ва аҳамияти байналмилалӣ доранд; Баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии давлат ва дар заминаи он коҳиш додани ҳамон намуд ва миқдори моле, ки аз хориҷи кишвар вориди Тоҷикистон мегардад; Ба таври стратегӣ зиёд намудани манбаъҳои воридоти асъори серталаби хориҷӣ ва бо ин роҳ нигоҳ доштани мувозинатҳо ва талаботҳои асъорӣ; Диверсификатсия намудани муносибатҳои тиҷоратӣ дар заминаи асъори шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ин роҳ зиёд намудани манбаъҳои асъори хориҷӣ". (с.12-13). Воқеан ҳам, амалӣ намудани ин пешниҳодоти муаллиф дар доираи татбиқи сиёсати зиддитаварруми натиҷаҳои мусбӣ меорад.

Муаллиф зимни татқиқот ба таҳқиқотҳои бунёдии олимони дохилию хориҷӣ дар соҳаи назария ва амалияи таваррум ва муносибатҳои муосири илмӣ вобаста ба таҳқиқи масъала такия намудааст. Ин имкон додааст, натиҷаҳои нисбатан нави илмӣ ба даст орад ва хулосаву пешниҳодоти худро асоснок намояд.

Ба ақидаи муаллиф дар шароити вусъат гирифтани муносибатҳои иқтисоди бозорӣ давлат ва мақомотҳои марбутаи тобеи он ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки равандҳои таваррумро танзим намуда, шиддати таъсири манфии онро ба иқтисодиёт кам намоянд. Дар ин ҷода равишҳои гуногуни илмию методологӣ истифода мегардад, ки ҳар кадоми он ба қадри имкон вобаста ба имкониятҳои иқтисодии давлат ба роҳ монда мешавад. *Аммо, ба назари мо дар маҷмӯи равишҳои гуногуни илмию методологӣ кадоминаш ба шароити муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат муваффақтар аст. Асоснок карда нашудааст. Илова бар ин дар сарсухани кор мубрамият ва ҳадафи татқиқот мушаххасу дақиқ нашудааст.*

Дар умум хулоса бароварда мешавад, ки рисолаи мазкур кори таҳқиқотии пурра ба анҷом расида буда, муаллифи он сазовори дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, ҷонишини директори
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирсаидов А.Б.

Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов А.Б.-ро тасдиқ менамоям.

Инспектори калони шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
н.и.и. Аюбӣ Ф.

Нишонӣ: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯч. С.Айнӣ 44;
Тел.: +992 (37) 221-67-50